*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳти давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи: ш. Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Латипова Гуландом Сайҳомидовна дар мавзуи «Такмили механизми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар шароити камбуди ғизоии ҷомеаи ҷаҳонӣ гуфтан зарур аст, ки дар айни замон, талабот ба қарз дар соҳаи кишоварзӣ зарурати рушди низоми махсусгардонидашударо, ки ба талабот ва шароити иқтисоди муосири бозорӣ ҷавобгӯ мебошад, аз тамоми низоми бонкӣ ва сохторҳои марбута талаб менамояд.

Дар шароити мушкилотҳои озуқаворӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз бахшҳои муҳимтарини иқтисодиёти давлат буда, ҳамчун муҳаррик рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва амнияти озуқавории онро таъмин мекунад.

Дар доираи ҳамаи комёбиҳои илмии афтореферати диссертатсия, барои боз ҳам мукаммал гардидани доираи илмии он пешниҳодҳои зерин тавсия карда мешаванд:

1. Хуб мешуд, ки муқоисаи нишондиҳандаҳои молиявии якчанд хоҷагиҳои деҳқонӣ вобаста иқтидори қарзгирии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода мешуд;
2. Ҳамчунин ба манфиати кор буд агар унвонҷӯ механизмҳои қарздиҳии минтақавиро мавриди баррасӣ қарор медод.

Гуфтан мумкин аст, ки дар соҳаи кишоварзӣ аз рӯйи қарздиҳии низоми бонкӣ маълум аст, ки омилҳои маҳдудкунандаи иштироки қарз дар раванди такрористеҳсолкунӣ инҳоянд: даромаднокии паст дар соҳаи кишоварзӣ; хатарҳои зиёди истеҳсолӣ (хатарҳои кишоварзӣ, эпидемияҳо дар соҳаи чорводорӣ, офатҳои табиӣ, хушксолӣ); устувор набудани нархи маҳсулоти истеҳсолшуда ва ашёи хом ба сифати он, ки субъектҳои кишоварзӣ истеҳсол мекунанд ва ғайра. Ин ва дигар омилҳо ба устувории молиявии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Мавриди зикр аст, ки дар автореферати диссертатсия барои таҳлили тамоюли рушди низоми қарздиҳии субъектҳои кишоварзӣ, инчунин ғани гардонидани бозори дохилӣ тавасути маҳсулотҳои хушсифати аз лиҳози экологӣ тоза ва дигар имкониятҳои мавҷуда мавриди таҳқиқ қарор

гирифтааст. Афзалияти таъсири қарздиҳии бонкӣ ва механизмҳои асосии он ба самаранокии истеҳсолоти кишовварзӣ дар таҳлили шароити имрӯзаи иқтисодиёти аз он иборат мебошад, ки бо ёрии қарздиҳии бонкӣ на танҳо рушди бомароми соҳаи кишоварзӣ таъмин мегардад балкӣ дар доираи ҳаллӣ ин масъала фароҳам овардани шароити корӣ ва як қатор афзалиятҳои дигар фароҳам оварда мешаввад. Бо ибораи дигар, тавасути қарзҳои низоми бонкӣ фаъол гардонидани фаъолияти субъектҳои кишоварзӣ масъалаи амнияти озуқавории кишвар таъмин карда мешавад.

Дар хулоса қайд намудан ба марид аст, ки ҳангоми таҳлил ва баррасии автореферати диссертатсияи Латипова Гуландом Сайҳомидовна дар мавзуи «Такмили механизми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Латипова Гуландом Сайҳомидовна сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Доктори илмҳои иқтисод, профессор
мудири кафедраи кафедраи назарияи
иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Усманова Туфа Ҷумаевна

Нишонӣ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе кӯч. Н.Қарабоев, 63/3
Телефон: (+992) 2-349161
Факс: (+992) 37-234-79-88
E-mail: tufa1953@mail.ru

Дурустии имзои Усманова Т.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ Бухориев Н.А.

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ